# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг).**

Довталаби дараҷаи илмӣ Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович соли 2018 факултети механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро хатм намудааст.

Соли 2020 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз руйи ихтисоси идораи давлатӣ хатм намуда, дорои тахассуси менеҷер-иқтисодчӣ гардидааст.

Соли 2023 зинаи докторантураи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2020 то 2024 ба ҳайси ассистенти кафедра ва аз сентябри соли 2024 ба ҳайси муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Аз сентябри соли 2020 дар мавзуи “Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)” таҳқиқоти илмӣ бурда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар ҷаласаи Шурои олимони Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2022, протоколи №10/11 тасдиқ гардидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович худро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил, ботаҷриба ва фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи илмӣ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар он зоҳир меёбад, ки рушди соҳибкории экологӣ дар Тоҷикистон барои вусъат бахшидан ба инкишофи иқтисодии кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини устувории экологӣ аҳамияти бузург дорад.

Бинобар ин, мақсади диссертатсия аз таҳияи муқаррароти назариявию методологӣ оид ба мукаммалгардонии фаъолияти маркетингии соҳибкории экологӣ, инчунин асоснокгардонии механизмҳои рушди он дар шароити муосир иборат аст.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051100 - Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) мувофиқат мекунад: 1. Ҷанбаҳои назариявӣ ва самтҳои муосири рушди сиёсати бозории ширкатҳо дар асоси консепсияи маркетинг; 2. Асосҳои методологӣ, мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои маркетинги стратегӣ ва амалиётӣ; 3. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ, самтҳо ва шаклҳои ташкили маркетинг ва мутобиқсозии онҳо ба шароитҳои бозории тағйирёбанда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозорҳои ҷаҳонӣ; 5. Маркетинги дохилиташкилотӣ, ҳадафҳо ва таъсири он ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти ширкатҳо. Маркетинги муносибатҳо ҳамчун унсури стратегияи корпоративӣ; 6. Ташаккул ва рушди низомҳои муттаҳидшудаи иттилооти маркетингӣ, идоракунии муносибатҳо бо истеъмолкунандагон; 8. Баҳодиҳии

фаъолияти рақибон, истифодаи он дар сиёсати маркетингии ширкат, бенчмаркинг; 9. Баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо (хизматрасониҳо) ва ширкатҳо, омилҳои рақобатпазирӣ дар шароитҳои гуногуни бозорӣ; 19. Усулҳои ташкили маркетинги мустақим ва шароитҳои татбиқи он; 21. Маркетинги иҷтимоӣ-ахлоқӣ дар баландбардории уҳдадории иҷтимоии бизнес; 23. Рушди шакл ва усулҳои муосири фаъолияти рекламавӣ, ташкил ва баҳодиҳии самарабахшии реклама дар низоми коммуникатсияҳои маркетингӣ; 24. Идоракунии пешбарӣ (таблиғ)-и молу хизматрасониҳо, аз ҷумла идоракунии фаъолияти намоишгоҳӣ.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба мукаммал гаштани фаъолияти маркетингии соҳибкории экологӣ мусоидат мекунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди соҳибкории экологӣ дар шароити муосир равона карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти маркетингии соҳибкории экологӣ ва баланд бардоштани самаранокии он истифода шаванд.

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявию методӣ оид ба рушди хизматрасонии маркетингии соҳибкории экологӣ ва таъсири онҳо ба самаранокии натиҷаҳои иқтисодии фаъолият саҳм гузоштааст.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Зоҳидов Камолиддин Сулаймонович дар мавзуи "Мукаммалгардонии фаъолияти маркетингӣ дар шароити муосир (дар мисоли соҳибкории экологӣ)" кори илмию таҳқиқотии мустақилона ва дар мавзуи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) тавсия мегардад.

**Роҳбари илмӣ,**
**Мудири кафедраи идоракунии**
**молияи давлатии Академияи идоракунии**
**давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор** **Досиев М.Н.**

*Имзои н.и.и., и.в. профессор Досиев М.Н.-ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ**
**ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Зоирхонзода Ф.З.**